# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи доктории Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни асл ва тарҷума дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ҷанбаҳои забонӣ ва тарҷума)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ.**

Бо шарофати Истиқлоли давлатӣ ҳамаи соҳаҳо дар кишвари мо рӯ ба тараққӣ ниҳодааст. Истиқлол барои кишвари мо роҳро ба сӯйи муносибатҳои байналмилалӣ кушод. «Бо фаро расидани Истиқлол миллати деринатаърих пас аз ҳама поймолсозиҳои манфиатҳои миллӣ парчами озодӣ ва истиқлолро дар қалби Осиё дар яке аз минтақаҳои пурҷӯшу хурӯши сиёсати ҷаҳонӣ барафрохта, ҷойгоҳи шоистаи худро дар ҳавзаи азими тамаддунҳо ба даст овард».

Рӯз то рӯз дар муносибатҳои байналмилалии ҷумҳурӣ ба фазои ҷаҳони мутамаддин роҳ ёфта истодааст. Аз ин ҷост, ки нақши забони англисӣ ва омӯзиши он барои тоҷикзабонҳо хеле муҳим арзёбӣ мегардад.

Аз ин рӯ, диссертатсияи мазкур таҳти унвони «Таҳқиқи муқоисавии воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни асл ва тарҷума дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ҷанбаҳои забонӣ ва тарҷума)» саривақтӣ ва мубрам арзёбӣ мегардад.

Аз мутолиаи автореферат бармеояд, ки ҳама бобу фасл ва зерфаслҳои диссертатсия, ба талаботи таҳияи диссертатсия мувофиқат намуда, дар он масъалаҳои назариявӣ дар такя ба осори илмии муҳаққиқони варзидаи тоҷик ва хориҷи кишвар бозбинӣ шуда, таҳқиқоти забоншиносию тарҷумашиносӣ вобаста ба корбурди воситаҳои тасвири бадеӣ таҳлил шудаанд ва марзгузорӣ байни воситаҳои тасвири бадеӣ ба далелҳои асоснокшуда баён гардидаанд, ки муҳиммияти диссертатсия ва автореферат ро ба хонанда нишон медиҳанд.

Таҳавулоти дастурию луғавии воситаҳои тасвири бадеии пажуҳишкардашуда, бо мисолҳои зиёде аз асарҳои бадеӣ гурӯҳбандӣ гардидаанд.

Бояд қайд кард, ки дар баробари ба талабот ҷавобгӯ будани автореферат дар он баъзе камбудиҳои ҷузъӣ низ ба назар расид, ки ислоҳи он дар оянда ба манфиати кор хоҳад буд.

1. Дар диссертатсия овардани нақша, диаграмма ва гистаграммаҳо ба мушоҳида намерасад.

2. Мутаассифона, муаллиф аз осори забоншиносони маъруф, Камолиддинов Б., Маҷидов Ҳ. ва дигарон, ки дар самти услубшиносӣ асарҳои зиёдеро таълиф кардаанд, далелҳо наоварда, ҳатто номи онҳоро ба рӯйхати адабиёти истифоданамудааш ворид накардааст.

3. Ба андешаи мо, агар муаллиф аз осори манзуми адабиёти классикиву муосир, ки дар он воситаҳои фаровони тасвири бадеӣ мавҷуд аст, мисолҳо меовард, ҳусни кор боз ҳам меафзуд.

4. Роҳ ёфтани ғалатҳои имлоию грамматикӣ дар саҳифаҳои 10, 13, 16, 21, 28, 41, 51, 57 ба мушоҳида мерасад.

Албатта, камбудиҳои зикршуда арзиши илмии диссертатсияро коста намегардонанд ва ислоҳ намудани ин камбудиҳо дар таҳқиқоти минбаъда аз аҳаммият холӣ нест.

Автореферат ва диссертатсия ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, қайд кардан ба маврид аст, ки автореферати диссертатсияи Соҳибназарова Ҳ.Т. дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни асл ва тарҷума дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ҷанбаҳои забонӣ ва тарҷума)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Доктори илмҳои филологӣ, профессор,
мудири кафедраи забонҳои Донишкадаи
тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон
ба номи С. Раҳимов Шафоатов Азал Нусратович

**Суроға:** 735033, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Ҳисор, ҷамоати деҳоти Мирзо-Ризо, хонаи 132.
Тел. (+992) 98-507-44-19
E-mail: mehrpaivand@inbox.ru

Имзои А.Н. Шафоатовро тасдиқ мекунам:

Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва ҳуқуқи
Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон
ба номи С. Раҳимов
Мирзоев Олимҷон Умарович

**Суроғаи муассиса:** 734053, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. Сино, маҳаллаи Лучоб-53.
Тел. 224-73-77; факс 224-56-87

3-юми майи 2025